   


## Озмун барои ҷавонони кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чаҳорчӯби лоиҳаи «Turn It Around: Дастаи кортҳои иқлими Осиёи Марказӣ»

Ба эҷоди дастаи кортҳои беназири иқлим, ки мушкилоти тағйирёбии иқлимро тавассути санъат ва матн бозтоби нав медиҳад, ҳамроҳ шавед! Агар шумо аз Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ё Ӯзбекистон бошед, шумо имкон доред, ки нуқтаи назари худро оид ба мушкилоти экологӣ баён кунед ва роҳҳои ҳалли онро пешниҳод намоед. Овози шумо метавонад қисми ин лоиҳаи эҷодӣ шавад!

Маркази таҳлилии Осиёи Марказӣ CAPS Unlock дар ҳамкорӣ бо Дафтари минтақавии ЮНЕСКО (Алмаато) ва дар ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Осиёи Марказӣ оид ба маорифи иқлим (ИОММИ) бо камоли хушнудӣ кӯдакон ва ҷавонони ғоявиро барои иштирок дар Озмун дар чаҳорчӯби лоиҳаи "Turn-It-Around: Дастаи кортҳои иқлими Осиёи Марказӣ” даъват менамояд.

**Ҳадафи лоиҳа** таҳияи дастаи кортҳои беназири иқлим аст, ки вокунишҳоро ба тағйирёбии иқлим тавассути санъат ва матн аз нав бозтоб медиҳад. Ҳадафи лоиҳа ҷалби ҷавонон аз Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба эҷоди маводҳое мебошад, ки диди онҳо дар бораи мушкилоти экологӣ ва роҳҳои ҳалли онҳоро инъикос менамояд.

**Шарҳи озмун**

*Мавзӯъҳои мавод:*

- Таъсири истеҳсоли энергия ба тағйирёбии иқлим (Иқлим ва энергия)
- Таъсири оқибатҳои тағйирёбии иқлим ба таъмини об, истеҳсоли маводи хӯрока ва низоми экологии Осиёи Марказӣ
- Равобити мутақобили тамоми мавҷудоти зинда ва муҳити зисти тағйирёбандаи онҳо (Муносибати Инсон бо Табиат ва таъсири ӯ ба муҳити зист)
- Ҳаёти ҷамъиятҳо ва ҳамоҳангии онҳо бо Табиати атроф
- Тағйирёбии иқлим ва гуногунии биологӣ (наботот ва ҳайвонот)

- Барои суст кардани тағйирёбии иқлим мо чӣ кор карда метавонем
- Муҳимияти низомҳои экологии табиӣ
- Фаъолнокии иқлимии ҷавонон
- Офатҳои табиӣ ва Мо
- Тарзи зиндагии устувор барои ҳама

*Шартҳои иштирок:*

- Бачаҳои ташкилотҳои томактабӣ, талабаҳои мактабҳои шаҳру деҳаҳо, донишҷӯёни донишгоҳҳо ва фаъолони ҷавон аз Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон. Синну сол - то 25 сола. Мо иштироки баробари писарону духтаронро ташвиқ менамоем
- *Озмун дар ду бахш баргузор мегардад:*
  - ⇒ Корҳои эҷодӣ (расмҳо, аксҳо, мандалаҳо, коллажҳо)
  - ⇒ ё матнҳое, ки диди мушкилоти иқлимро инъикос менамоянд
- Корҳо ба забонҳои *русӣ, қазоқӣ, тоҷикӣ, қирғизӣ, ӯзбекӣ ва англисӣ қабул карда мешаванд*
- Аз ҳар як муаллиф на бештар аз 1 асар қабул карда мешавад.

*Санаҳои муҳим:*

1. Таҳия ва пешниҳоди корҳо аз **1 ноябри соли 2024 то 31 январи соли 2025**
2. Интихоби ниҳоии кортҳо аз **01 феврал то 30 марти соли 2025**

*Тартиби пешниҳоди аризаҳо:*

*Истифодаи ЗС барои эҷоди корҳои озмун қатъиян манъ аст!!!*

1. Аризаи онлайнро дар ин пайванд https://capsunlock.org/?page_id=1035u0026lang%3Dtg&lang=tg пур кунед ё рамзи QR

2. Сурат ё матнро замима намоед. Лутфан ба ҳолатҳои зерин таваққӯҳ дошта бошед:
   ***Корҳои эҷодӣ*** бояд дар формати JPEG ё PNG (то 20 МБ) бо вузӯҳи ҳадди ақали 2800 x 3500 пиксел (тарҷеҳан ҷиҳати амудӣ) ва зичии 300 DPI пешниҳод карда шаванд. Ҳама корҳо *(ғайр аз аксҳо)* бояд скан кардашуда бошанд.

***Матн:*** бояд матни кӯтоҳо (ҳадди аксар 150 калима) ба яке аз забонҳои зерин пешниҳод карда шавад: қазоқӣ, тоҷикӣ, қирғизӣ, ӯзбекӣ, русӣ ё англисӣ.

Дар *замимаи №1* тавсияҳо/дастурҳо оид ба эҷоди асарҳо ва матнҳои эҷодӣ оварда шудаанд.

***Шахси тамос дар Тоҷикистон:*** *Наталья Идрисова,* ***email****:* *natidrisova@gmail.com*, ***тел****: +992 918 64 0738*

*Меъёрҳои арзёбӣ:*

1. Мумтоз будан, консепсия ва арзиши зебоии асар
2. Аҳамияти мушкилот барои минтақа ё кишвар
3. Мутобиқат ба фарҳанг, анъанаҳои маҳаллӣ ва хусусиятҳои миллӣ

*Ҷоизаҳо барои ғолибон:*

Шаҳодатномаи байналмилалии тасдиққунандаи муаллифии шумо ва саҳми назаррас дар лоиҳаи байналмилалӣ ва инчунин дастаи беназири кортҳо.

Корҳои ниҳоӣ ба дастаи беназири кортҳои иқлими "Turn It Around: Дастаи кортҳои иқлими Осиёи Марказӣ" дохил карда мешаванд, ки як манбаи муҳим барои таълим ва муҳокимаи тағирёбии иқлим ҳам дар созмонҳои таълимӣ ва ҳам дар сатҳи сиёсати миллӣ мегардад.

*Замимаи №1*

**Тавсияҳо/дастурҳо барои эҷоди корҳои эҷодӣ**

- Бо истифода аз маводи табиӣ ё партофташуда, ки аз гирду атрофатон ҷамъоварӣ шудаанд, як асари санъат эҷод кунед ва акси босифат гиред
- Расмеро кашед ё тасвир кунед, ки робитаи шуморо бо табиат, осмон, замин ифода менамояд
- Аксҳои тадбирҳои ҷавонон ё ҷамъиятиро мубодила кунед, ки ба ҳифзи иқлим ва муҳити зист равона шудаанд
- Фазои идеалии таҳсили худро тасаввур кунед: шумо дар куҷо таҳсил мекунед? шумо чӣ меомӯзед? бо кӣ таҳсил мекунед?
- Асаре эҷод кунед, ки дарки шумо дар бораи тағйирёбии иқлимро барои шумо ё ҷомеаи шумо инъикос намояд
- Қадам ё амалеро тасвир намоед, ки шумо, мактаби шумо ё ҷомеаи шумо метавонед барои саҳмгузорӣ баояндаи зиндагӣ дар рӯи замин андешед.
- Дилхоҳ мавҷудоти зиндаро (настанӣ, ҳайвон, ҳашарот), ки мавҷудияти онҳо бо тағйирёбии иқлим таҳти таҳдид қарор дорад, кашед ё тасвир намоед.
- Ба шумо фалокати экологӣ ё иқлим чӣ гуна таъсир расонд? Он дар шумо чӣ гуна эҳсосотро ба вуҷуд овард?

**Тавсияҳо барои эҷоди матнҳо**

- Мо чиро бояд донем, то ҳам зинда монданамон ва ҳам шукуфоии сайёраамонро таъмин намоем?
- Ба пешвоёни сиёсӣ бигӯед, ки ҳангоми қабули қарорҳо дар бораиояндаи шумо чиро бояд донанд (ё дар хотир дошта бошанд).
- Фаҳмонед, ки чаро аллакай имрӯз бояд таълими иқлим ба барномаи таълимӣ дохил карда шавад
- Тавсиф кунед, ки аз табиат чиро метавон омӯхт, ки таълим додани он дар мактаб номумк аст
- Дарсеро, ки аз аҷдодон/фарҳанги худ омӯхтаед ва мехостед ба наслҳои оянда бирасонед, мубодила намоед
- Ба сиёсатмадорон дар бораи "муаллимони ғайриклассикӣ”- худ (масалан, ҳайвонот, наботот, табиат, гузаштагон, технология ва ғ.) нақл кунед. Онҳо ба шумо чиро таълим медиҳанд ва чӣ тавр?
- Дар бораи он чизе, ки шуморо ба амалҳо барои ҳифзи иқлим бармеангезад, нависед. Дар бораи он фикр кунед, ки чӣ тавр ин метавонад ба ҷавонони дигар барои фаҳмадани он, ки ҳангоми рӯ ба рӯ шудан боояндаи номуайян аз куҷо умед пайдо мекунед, кӯмак расонад
- Аз адабиёти маҳаллӣ, шеър, песа ё ҳикоя порча ё иқтибос пайдо кунед. Фаҳмонед, ки ин дар бораи робитаи фарҳангӣ ё таърихии ҷомеаи шумо бо табиат, ҳифзи муҳити зист ва иқлим чӣ мегӯяд.
- Ба шумо фалокати экологӣ ё иқлим чӣ гуна таъсир расонд? Он дар шумо чӣ гуна эҳсосотро ба вуҷуд овард?